**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**
**д.и.ф., профессор Гулназарзода Ж.Б. ________**
**«_28_» ____08____ 2024**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия ва автореферати Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи "Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии феъл муддати зиёдест, ки таваҷҷуҳи олимон, махсусан, забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Зеро, типологияи муқоисавӣ як соҳаи забоншиносӣ буда, масъалаҳои баҳсталаби забоншиносии муқоисавиро ҳаллу фасл менамояд. Мавзуи мазкур низ ба забоншиносии муқоисавӣ рабт дошта, ҳалли масъалаҳои категорияҳои шахсу шумораи феълро дар давраҳои бостон, миёна ва муосир баррасӣ ва роҳҳои ифодаи категорияи шахсу шумора дар забони англисии муосирро муайян менамояд. Дар ин замина, мо метавонем диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровнаро зери унвони "Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ" дар забоншиносии тоҷик иқдоми муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ кунем.

Дар диссертатсия роҷеъ ба таҳлилу баррасии категорияи шахсу шумораи феъл, маъно, шинохт, рушди шахсу шумора дар давраҳои таърихӣ, нақши он дар системаи грамматикии феъл ва ифодаи он дар забони муосири англисӣ мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод гардидааст. Таъкид мегардад, ки категория (hatēgoria) ба маънои васеаш ҳама гуна унсурҳои забониро дар бар мегирад, ки дар асоси хусусиятҳои умумиашон ҷудо карда

шуда, ин ё он аломате, ки дар асоси маҷмуи воҳидҳои забонии ҳамҷинс қарор дошта, унсурҳояшон маънои ягонаю мушаххас доранд.

Ҳамин тавр, истилоҳи категория ду маъниро дар бар мегирад: 1. Маънохое, ки ба гурӯҳҳои калимаҳои ҳамҷинсу ҳамсинф баробар буда, берун аз ифодаи луғавии онҳо фаҳмида мешаванд ва ба категорияи грамматикӣ хос мебошанд. 2. Гурӯҳҳои луғавӣ ва дастурии калимаҳое, ки нисбат ба хусусияти маъноҳои умумии маъноӣ (семантикӣ) ва морфологию синтаксисӣ муттаҳид мегарданд, ба монанди: категорияи исм, категорияи зарф, категорияи феъл ва ғайраҳо.

Ба мафҳуми категорияи шахси феъл дар навбати аввал амалу ҳаракат аз тарафи шахс ва ашё дохил мегардад.

Муаллифи диссертатсия бо такя ба осори илмӣ ва адабию луғатномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои таҳлили муқоисавии шахсу шумораи феълҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян кардааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашргардида аз тарафи муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

Бинобар ин, аз тарафи докторанти PhD Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” мавриди таҳқиқ қарор додани шахсу шумораи феъл, ки то имрӯз мавриди таҳқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст, аҳаммияти махсуси илмиро доро буда, иқдоми шоиста арзёбӣ мешавад.

Муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқи худро дар мақолаҳои илмӣ пешкаш намуда, андеша ва пешниҳодҳои худро ҷиҳати омӯзиш ва тақвият бахшидани ин самти то имрӯз пажуҳишнашуда дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ироа намудааст.

Дар забоншиносӣ нахустин маротиба ба таври маҷмуӣ мавзуи категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаву истеъмоли он дар забони англисӣ таҳқиқ шудааст. Дар хусуси категорияи

шахсу шумораи забонҳои муқоисашаванда маълумоти тоза дода шудааст.

Бисёрҷанба будани мавзуи феъл бо фарогирии масъалаҳои муқоисавӣ, умумият ва фарқи шахсу шумораи феълҳо дар диссертатсияи мазкур муайян карда шудааст. Баъзе ҷанбаҳои баҳсбарангези категорияи шахсу шумора дар забони англисӣ дар замони муосир аз нав таҳқиқ шудаанд. Инчунин, якчанд шабоҳату тафовути шахсу шумораи феълҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ ошкор карда шуданд.

Дар низоми дастурии феъли забонҳои муқоисашаванда як қатор муодил ва муродифҳои нав муайян карда шуданд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои назариявии таҳқиқ заминаҳои илмию назариявии таҳқиқоти минбаъдаро дар мавзуъҳои марбута тавсеа мебахшанд. Натиҷаҳои онро, ҳамчунин, ҳангоми гузаштани машғулиятҳои назариявӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ, семинарҳо, таҳияи рисолаҳои хатм, диссертатсия ва ғайраҳо метавон истифода намуд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои амалии диссертатсияи мазкурро ташкил ва баргузории машғулиятҳои амалӣ оид ба грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ, тарҷума ва ғайраҳо метавон истифода бурд. Натиҷаҳои он, ҳамчунин, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, фарҳанги луғат ва ғайраҳо дар доираи забонҳои мавриди таҳқиқ муфид мебошанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқ** эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард ва баррасӣ гардидаанд. Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои муносиб бо мавзӯи таҳқиқ алоқаманд таъйин гардида, чанд нуктаи муҳимме ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар забоншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи забоншиносии муқоисавӣ хеле арзишманд мебошанд.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён

гузошташуда ва дар маҷмуъ, ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намудаанд. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, мантиқан алоқаманд мебошанд.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илм муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро баррасӣ намудааст.

Диссертатсияи мавриди назар аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт иборат аст.

Муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия, доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва сохтори диссертатсия сухан гуфтааст.

Боби аввали диссертатсия "**Таҳқиқи масъалаҳои назарии категорияи шахс ва шумора дар низоми феъл**" ном дошта, фарогири 3 фасл ва ду зерфасл аст. Дар фасли аввали боби якум, ки "Маънои грамматикии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" унвон гирифтааст, он оид ба мафҳум ва мазмуни масъалаҳои назарии категорияи шахсу шумораи феъл чун воҳиди муҳимтарини забон сухан рафтааст.

Мафҳуми феъл дар забонҳои муқоисашаванда маънои якранг дошта, ҳиссаи мустақилмаъно ба ҳисоб меравад ва ҳаракату амал, ҳолату вазъиятро аз тарафи шахсу шумора ишора менамояд.

Дар фасли дуюми боби якум дар хусуси истеъмоли шахсу шумораи феъли забонҳои муқоисашаванда аз нигоҳи забоншиносони тоҷику англис баҳс шуда, моҳияти ин категория дар ҷумла нишон дода шудааст.

Азбаски феъл дар ҷумла ба вазифаи хабар меояд, шахсу шумора

ҳамчун таҳкурсии хабар нисбат дода шудааст.

Чун категорияи шахсу шумораи забони англисӣ дар шакли аналитикӣ, яъне тавассути ҷонишин ё мубтадо бо феъл ифода мегардад, дар ин фасл категорияи шахс дар ҷонишин бо категорияи шахс дар феъл муқоиса шуда, аломатҳои умумии ба онҳо хос ошкор шудааст.

Фасли сеюм категорияи шахсу шумораи феъли давраҳои таърихии забонҳои муқоисашавандаро намояндагӣ намуда, ду зерфаслро дар бар гирифта, дар бораи масъалаи истеъмол ва ё мавҷуд будани шахсу шумораи феъл гуфта шудааст.

Забонҳои муқоисашаванда се давраи таърихӣ: бостон, миёна ва муосирро дар бар мегиранд. Дар давраи бостони забони форсӣ дар тасрифи бандакҳои феълӣ ду гурӯҳи мухталиф ва муқобил мавҷуд буд: 1). бандакҳои фаъол (ё тарзи фаъол) ва бандакҳои сиғаи миёна; 2). бандакҳои аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа (шакли замони гузашта).

Дар забони англисии бостон (Old English) категорияи шахсу шумораи феъл аз забони форсии бостон фарқ мекарданд. Фарқи он дар шумораи танҳои ҳар се шахс мушоҳида мешуд: Дар давраи миёна онҳо ба тағйироти куллӣ дучор шуда, дар охири давраи миёна аз байн рафта, танҳо дар замони ҳозираи шумораи танҳои шахси сеюм боқӣ мондаанд. Дар замони муосир ба тарзҳои зерин шакл мегирад: дар забони тоҷикӣ дар шумораи танҳо шахси якум тавассути бандаки феълии “-ам”, шахси дуюм бандаки феълии “-ӣ” ва шахси сеюм тавассути бандаки феълии “-ад”. Дар шумораи ҷамъ шахси якум тавассути бандаки феълии “-ем”, шахси дуюм тавассути бандаки феълии “-ед” ва шахси сеюм тавассути бандаки феълии “-анд” шакл мегиранд.

Дар забони англисӣ танҳо феъли “to be” ва якчанд феъли ёридиҳанда (auxiliary verbs - will, would, shall, should), феълҳои дуруст ва нодуруст бо мубтадо ҳамчун ифодакунандаи шахсу шумораи феъл истеъмол мешаванд.

Боби дуюми диссертатсия зери унвони “**Воситаҳои ифодаи категорияҳои шахс ва шумораи феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ**” фарогири панҷ фасл мебошад.

Аз рӯйи маводи истифодашудаи боби дуюми диссертатсия дар маводи фаровон аз лиҳози маъноӣ-семантикӣ шахсу шумораи феъли забонҳои таҳқиқшуда, вижагиҳои сохторӣ ва маъноиро дар шахсу шумораи феъл муайян намуда, муодилҳои онҳоро муайян намудааст.

Дар фасли аввали ин боб диссертант "**Категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи муосири забонҳои муқоисашаванда**"-ро таҳлил намуда, сарчашмаҳои асосии шахсу шумораи феъли давраи муосирро мушаххас кардааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки "шахси якуми шумораи танҳои забони тоҷикӣ тавассути бандаки феълии "-ам" ифода гашта, муодили он дар забони англисӣ ҷонишини шумораи танҳои шахси якум "I" ва феъли асосӣ мебошад. Шумораи ҷамъи шахси якум бандаки "-ем"-ро дар бар гирифта, муодили он дар забони англисӣ ҷонишини "you" бо феъли асосиро дар бар мегирад" (диссертатсия саҳ. 109).

Фасли дуввуми ин боб "**Ифодаи шумора ва шахси якуми феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ**" ном дошта, роҳҳои истеъмоли шахси якуми феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи онро дар забони англисӣ муайян менамояд.

Фасли сеюми ин боб "**Ифодаи шумора ва шахси дуюми феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ**" ном дорад.

Дар ин фасл муаллиф роҳҳои семантикӣ ва грамматикии шахсу шумораи феълро муайян ва таҳлил намудааст.

Фасли чоруми ин боб "**Ифодаи шумора ва шахси сеюми феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ**" номида шудааст.

Муаллиф дар ин фасл шахси сеюмро аз лиҳози маъноӣ ба шаклҳои муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ва ғайришахс ҷудо карда, қайд мекунад, ки "шаклҳои муайяншахс дар шумораи танҳо бандаки "-ад" ва дар шумораи ҷамъ бандаки "-анд"-ро дар бар мегиранд. Категорияи умумишахс як васоити наздикшавии тасаввуроти гӯянда бо шунаванда буда, тарзи пардапӯшона баён намудани мақсад мебошад. Ба монанди: "*Оташро дар*

*гирондаанд”* ва *“оташ дар гирифтааст”.* Ҳамчунин, он дар андарзҳо истеъмол мегардад” (саҳ. 110).

Фасли панҷуми боби дуюм “**Умумият ва фарқияти категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**” унвон гирифтааст. Дар ин фасл муаллифи диссертатсия дар хусуси умумият ва фарқияти шахсу шумора баҳс кардааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Вазифаҳои категорияҳои шахс ва шумора дар низоми дастурии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ном дошта, аз чаҳор фасл иборат аст.

Дар фасли аввали ин боб – “**Категорияҳои шахсу шумора дар тарзҳои феъли забони тоҷикӣ ва ифодаи он дар забони англисӣ**” таъкид мешавад, ки “дар забонҳои муқоисашаванда тарзи фоилии феъл амалу муносибати шахсу шумораро ифода мекунад. Дар тарзи мафъулии феъл иҷрокунандаи амал номаълум аст. Дар забони англисӣ феъл дар тарзи мафъулӣ бо ёрии феъли ёридиҳандаи ***«to be»*** ва замони гузаштаи сифати феълӣ ***(Past Participle)*** сохта мешавад (саҳ. 173).

Диссертант бобҳои минбаъдаро низ бо мисолҳои адабиёти бадеӣ оро дода, таҳлилу хулосабарорӣ, муқоиса ва роҳҳои ифодаи онҳоро дар забони англисӣ баррасӣ намудааст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷагириҳои диссертант аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодааш дар 20 банд баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо 5 тавсия пешниҳод шудааст.

Дар робита ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Дар интишороти мазкур натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқ ва пешниҳодҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Эродхо ба диссертатсия**. Дар баробари дастовардҳои назаррас диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз ҷумла:

1. Дар дисертатсия ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд

(саҳ. 58. 59. 60. 62. 69. 76. 128. 137).

2. Диссертант ба бисёр адабиёти илмӣ роҷеъ ба шахсу шумораи феъл (саҳ. 22, 61, 69, 108, 112) ишора намудааст, аммо на ҳамеша онҳоро кушоду равшан мавриди таҳлил қарор додааст.

3. Дар диссертатсия ҳангоми таҳлили ҷумлаҳо аз мисолҳои адабиёти бадеӣ ва назари олимон вобаста ба мавзуъ назари танқидии диссертант дида намешавад.

4. Дар автореферати диссертатсия мисол-шоҳидҳо зиёд ба назар мерасанд.

5. Дар диссертатсия шарҳи муодилҳои феълҳоро дар 6-банд аз саҳифаи 91 то саҳифаи 94 овардааст. Хуб мешуд, ки онҳо мухтасар баён мешуданд.

Албатта, норасоиҳои мазкур ҷузъӣ буда, аҳаммияти илмии таҳқиқи анҷомдодаро кам намекунанд. Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқи мукаммали баанҷомрасида буда, аз тахассуси баланди докторанти PhD Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ огоҳии зиёд доштани ӯро дар ин самт дарак медиҳад.

Диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ», ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашршудаи докторанти PhD Ҳусайнова Фарида Бозоровна муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферати Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ

ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" -8 нафар, "зид" – нест, "бетараф" –нест.

«27» -уми августи 2024 Суратҷаласаи №1/1

Мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи
тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Ташхисгар:**
Доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси
Забоншиносӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

**Котиб:**
Муаллими калони кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Қадамсаидов Соҳибназар Мавлоназарович

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.А. Маҳмудзода ва С.М. Қадамсаидовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

Суроға: 734019, г Душанбе,
ул. Муҳаммадиев 17/6
Суроғаи электронӣ: rectorat@ddzt.tj.
Тел: (+992 37) 2325003; (+992)882 89 1717

27.08.2024 с.